**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи докторант - унвонҷӯи (анъанавии) дараҷаи илми доктори илмҳои иқтисодӣ Муминзода Абдукарим (Муминов Абдукарим Бегович) дар мавзуи «Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Диссертатсияи доктории пешниҳодшуда дар мавзуи «Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)» як таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва мукаммал мебошад, ки ба яке аз мушкилоти муҳимтарин ва мураккаби бахши молиявӣ бахшида шудааст. Дар шароити гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ ва навсозии низоми танзими молиявӣ масъалаҳои таъсири самараноки давлатӣ ба фаъолияти суғуртавӣ аҳамияти стратегӣ пайдо мекунанд.

Таҳқиқоти довталаб бо коркарди амиқи муқаррароти назариявӣ, аслӣ будани равишҳои методологӣ ва аҳамияти баланди амалии натиҷаҳои бадастомада фарқ мекунанд. Мақсади таҳқиқот, ки ҳамчун «ташаккули асосҳои назариявӣ ва амалии таъмини институтсионалии механизмҳои танзими фаъолияти суғуртавӣ дар шароити рушди босуръати иқтисодӣ» таҳия шудааст, пурра ба даст оварда шудааст. Вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот дар тӯли тамоми кор пай дар пай ҳал карда шуданд, ки ин аз мантиқии сохтани диссертатсия ва тамомияти ҷустуҷӯи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Навоварии илмии таҳқиқот шубҳае надорад ва дар кор равшан нишон дода шудааст ва инчунин бо муқаррароти пешниҳодшуда барои ҳимоя тасдиқ карда мешавад. Махсусан бояд қайд кард, ки муаллиф аз уҳдаи ҳалли масоили зерин бомуваффақият баромадааст. Аз ҷумла: арзёбии суғурта аз мавқеи институтсионалӣ ҳамчун ниҳоди муҳимми молиявӣ ва асоснок намудани методологияи танзими он дар шароити бозор, тавсифи сохтори институтсионалии танзими давлатии фаъолияти суғурта ва ошкорнамоии вижагиҳои ҳамкории мутақобила ва ҳамвобастагии ниҳодҳои худтанзимкунӣ ва танзими давлатии кори суғурта. Докторант-унвонӯ зарурати танзими давлатии суғуртаро, ҳамчун институти муҳимми бозори молиявӣ асоснок, инфрасохтори бозори ватании суғуртаро дар пасманзари гузариш ба иқтисоди рақамӣ арзёбӣ намуда, пойгоҳи иттилоотӣ ва дигар унсурҳои онро ошкор кардааст.

Дар диссертатсия масоили арзёбии рейтинги ширкатҳои суғурта, арзёбии вазъи кунунии рушди бозори суғурта, сатҳи фаъолнокии инвеститсионии ширкатҳои суғурта, инчунин таҳлили тақозо ва арзаи хизматрасониҳои суғурта ва ошкорнамоии омилҳои калидии ба онҳо таъсиррасон, омӯзиши сатҳи таъмини институтсионалии афзорҳои иқтисодии танзими бахши суғурта, инчунин арзёбии самаранокии технологияҳои

мавҷудаи институтсионалии танзими суғурта, муайян намудани хусусиятҳои институтсионалии равандҳои рақобатӣ дар байни иштирокчиёни бозори суғурта ва арзёбии таъсири онҳо ба самаранокии амалкарди бозор ва ғайра баррасӣ шудааст.

Дар диссертатсия дар самти такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ, ки ба ташаккул ва рушди рақобати муассир нигаронида шудааст, тавсияҳои илман асоснок коркард ва пешниҳод шуда, равишҳои консептуалӣ таҳия гардида, самтҳои калидии сохтани моделҳои муосири танзими фаъолияти суғурта таҳия гардидаанд.

Мукаррароти асосии ҳимоя сатҳи баланди илмии корро нишон медиҳанд. Аз ҷумла, мафҳуми «таъмини институтсионалӣ» дар заминаи бахши суғурта амиқ ошкор ва чор равиши асосиро пешниҳод мекунад. Ин майдони асосии консептуалии таҳқиқотро ташкил медиҳад. Асоси институтсионалии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ бо далелҳо исбот, маҳдудиятҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ тасниф ва фаҳмиши динамикаи танзим ғанӣ гардонида шудааст. Муаллиф арзиши баланди институтсионалии соҳаи суғуртаро ба таври боварибахш асоснок ва системаи нишондиҳандаҳоро барои арзёбии танзими давлатӣ, инчунин модели бисёрқабатаи арзёбии самаранокии қарорҳои идоракунӣ пешниҳод карда шудааст.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боби матни асосӣ, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат аст.

Боби якум ба таҳқиқи асосҳои назариявию институтсионалии танзими фаъолияти суғурта бахшида шудааст. Дар доираи ин боб моҳияти институти суғурта ва ҷойгоҳи он дар сохтори институтсионалии иқтисодиёт, хусусиятҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта ва системаи институсионалии он, институтҳои танзими давлативу худтанзими бозории фаъолияти суғуртаӣ ва алоқамандии онҳо баррасӣ шудааст.

Боби дуюм ба таҳқиқи ҷанбаҳои методологиву методии арзёбии самаранокии институтҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта бахшида шуда, муаллиф дар доираи ин боб самаранокии танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғуртаро арзёбӣ карда, муносибатҳои методии арзёбии танзими давлатии устувории молиявии фаъолияти ташкилоти суғурта таҳқиқ ва таъмини зерсохторию иттилоотии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ, хусусан ҷанбаҳои назариявии арзёбии рейтинги ташкилоти суғурта мавриди баррасию таҳқиқи ҳамаҷониба гардидааст.

Муминзода дар боби сеюм ҳолати муосири фаъолияти суғурта ва танзим давлатии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбӣ намудааст. Дар ин боб муаллиф ба масоили ҳолати муосири рушди фаъолияти суғурта дар мамлакат, арзёбии вазъи фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғурта, таҳлили тақозо ва арзаи хизматрасонии суғурта ва омилҳои ба онҳо таъсиррасон таваҷҷуҳ кардааст.

Докторант-унвонҷӯ дар бобҳои чоруму панҷум ба таҳлили робитаҳои механизмҳои институтсионалии танзими давлативу бозорӣ дар фаъолияти суғурта ва ҷустуҷӯйи роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои

институтсионалии системаи танзими давлатии фаъолияти ташкилотҳои суғуртаи Тоҷикистон пардохтааст.

Мавзуи диссертатсия бо бандҳои дахлдори барномаи давлатии "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, барномаю консепсияҳои қабулгардидаи давлатӣ мутобиқат мекунанд.

Хулосаи мушовири илмӣ оид ба диссертатсияи Муминзода А. дар мавзуи «Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)» чунин аст, ки таҳқиқоти мазкур кори пурраи илмӣ-тахассусӣ мебошад, ки ба талаботи диссертатсияҳои докторӣ пурра мувофиқат мекунад.

Муминзода Абдукарим номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 14 январи соли 1972 дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон дар оилаи хизматчӣ таввалуд шудааст. Миллаташ тоҷик мебошад.

Оид ба шахсияти докторант-унвонҷӯ ақидаи мо чунин аст, ки муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот аз худ эрудитсияи баланди илмӣ, тафаккури системавӣ, қобилияти таҳлили интиқодӣ ва синтези иттилоотро нишон дод. Маводи диссертатсия мантиқӣ, пайдарпай ва далелнок аст. Бозёфтҳо ва пешниҳодҳо натиҷаи таҳқиқоти мустақил буда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам муҳими амалӣ доранд, ки ба такмили муҳити танзимкунанда ва ҳавасмандгардонии рушди бахши суғурта мусоидат мекунанд.

Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бевоситаи аз ҷониби муаллиф анҷом ёфтааст. Муаллиф доир ба такмили механизмҳои танзими бозори суғурта ва таъмини институтсионалии танзими давлатӣ дар бахши суғуртаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои ташкилию иқтисодии танзими фаъолияти ташкилотҳои суғурта мустақилона тавсияҳои методӣ пешниҳод намудааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки зимни таҳқиқот асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватанию хориҷӣ дар соҳаи танзими суғурта, бахши суғуртаи иқтисодиёт ва бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ истифода шудаанд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил ба таври васеъ истифода гардида, хулосаҳову пешниҳодҳо дар заминаи ҷамъоварии мавод, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба даст омадааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 26 интишороти муаллиф, аз ҷумла 2 монографияи илмӣ, 17 мақолаи тақризшаванда ва маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои сатҳи баланд инъикос ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

Хулоса, кори диссертатсиониро метавон ҳамчун кори илмии ба итмом расида арзёбӣ намуд, зеро муаммоҳои илмии дар он гузошта шуда ҳалли худро ёфтаанд. Ҳамин тариқ кори диссертатсионии Муминзода Абдукарим дар мавзуи Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз омода намудааст, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертасионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Ман фикр мекунам, ки довталаб Муминзода Абдукарим сазовори додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Мушовири илмӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини директори Институти**
**иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Мирсаидов А.Б.**

**Имзои "А.Б.Мирсаидов"-ро тасдиқ мекунам:**
Инспектори калони шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва
демографияи АМИТ, н.и.и. Аюбӣ Ф.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:**

734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Айнӣ 44
Почтаи эл.: chirad-58@mail.ru
Тел: +99237 2216750

06.12.2024с.